## НАҚШИ СММ ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР С ОЛҲОИ 2001-2014

***Қудратов К.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
***Кушо Ф. М.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Афғонистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI ба лонаи терроризм ва ифротгароии исломӣ табдил гардида буд. Дар рӯзҳои аввал шикаст додани неруҳои исломгаро дар симои он «Толибон» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ наёфт. Воқеаҳои 11- уми сентябри соли 2001 боис гардид, ки муборизаи зидди терроризм дар Афғонистон вусъат гирад, то амалиётҳои ифротӣ, террористии ҳукумати «Толибон» нест гардад.

Инчунин бояд қайд намуд, ки қатли қаҳрамони миллӣ Аҳмадшоҳи Масъуд, нобудии қудрати «Толибон», ташкили давлати муваққатӣ бо роҳбарии Ҳомид Карзай дар Афғонистон ва доир намудани Конфронси Бон дар Олмон, нақшаи қаблан тарҳрезинамудаи Амрико ва иттифоқчиёнаш амалӣ гардонида шуд.

Конфронси Бон аз нахустин ва бузургтарин иқдомот ва барномаҳои навини СММ буд, ки ба ҳамкорӣ ва ҳимояти ИМА ва кишварҳои ҳамсояи Афғонистон дар чорчӯбаи 2+6 ва бо иштироки намояндагони гурӯҳҳо ва тарафҳои афғон моҳи сентябри соли 2001 дар шаҳри Бони

Олмон баргузор гардид ва оғозе буд барои барқарорсозии сулҳ ва таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бахусус инкишофи маориф дар Афғонистон [10, 22].

Иштирокчиён дар Конфронси Бон барои бартарафкунии мушкилоти Афғонистон кӯшишҳои зиёде намуданд, ки ин конфронс баъди 9 рӯзи гуфтугӯ ва музокира хотима ёфт ва натиҷаи он хеле муваффақиятомез буд. Дар ин конфронс барои ҳалу фасл намудани мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва бахусус дар мавриди рушди маорифи Афғонистон баҳсҳо сурат гирифт, ки натиҷаи он барои як Афғонистони навин хеле муҳим арзёбӣ гардид [13, 518].

Баъд аз Конфронси Бон ҳузури фаъоли шахсони ботаҷриба ва бобарнома барои тайғирёбии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва рушди маорифи Афғонистон аз ҷониби СММ дар Афғонистон фиристода шуд. Албатта, пас аз таъсиси идораи давлати муваққат дар Афғонистон барои беҳбудии вазъи умумии Афғонистон Шӯрои амнияти СММ эҷоди қувваи кӯмакро барои амнияти Афғонистон таҳти номи Қувваҳои байналмилалии мусоидат ба амниятро (ISAF)[I] вазифадор намуд. Ҳамзамон барои ширкат дар кори он Лазар Иброҳимӣ ба ҳайси намояндаи хоси дабири кулли СММ ба Кобул фиристода шуд, то кӯшишҳои худро барои кӯмак бар идораи нави Афғонистон идома диҳад. Феълан аввалин гурӯҳҳои ISAF вориди кишвари Афғонистон шуданд ва таҳти назари англисҳо қарор гирифтанд. Аз ин ба баъд, фаъолиятҳои сиёсии СММ ва намояндагони вижаи он барои Афғонистон, густурдагӣ ва вусъати бештаре ёфт, ҳатто дар эҷоди сохторҳои идорӣ дар кишвар, муаррифӣ ва гумоштани одамон, мавриди назари хеш, нақши таъинкунандаи худро дошт.

Аз соли 2001 то ҳоло на танҳо фаъолиятҳои идораҳои мухталифи СММ ва ҳайатҳои сиёсии он, балки ҳузур ва фаъолиятҳои дуҷониба ва чандҷонибаи кишварҳои арабӣ, муассисаҳои ғайридавлатӣ ҳамчун NGO (ташкилоти ҷамъиятӣ ё муассисаҳои кӯмакрасон) ва созмонҳои байналмилалӣ низ ба шакли густурда бештар шуданд [5, 13].

Дар натиҷаи ҳамкории СММ бо давлати Афғонистон, иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар рушди маорифи Афғонистон дар тӯли 13 сол, дар солҳои 2001-2013 анҷом дода шуданд [12, 81].

Зимнан бояд қайд намуд, ки яке аз таҳаввулоти бузурге, ки баъди нобудии гурӯҳи «Толибон» ба вуқӯъ пайваст ин таъсиси ҳукумати нав дар Афғонистон таҳти номи “Ҳукумати муваққат” бо роҳбарии Ҳомиди Карзай ба ҳисоб меравад, ки аз соли 2001 то соли 2014, тӯли 13 Афғонистонро роҳбари намудааст. Дар рафти ин солҳо Ҳомиди Карзай ба ҳайси раиси Ҳукумати муваққат, Раиси Идораи интиқолии исломӣ ва Раиси ҶИА дар як марҳалаи муҳим ва таърихӣ кишварро роҳбарӣ намуд. Давраи робарии 13 солаи Ҳомиди Карзай, ки баъд аз конфронси таърихии Бон шурӯъ шуд, давраи нисбатан хубе барои кишвари Афғонистон маҳсуб мешуд. Зеро дар ҷараёни ин давра сулҳи нисбӣ дар кишвар ҳукмфармо гардида ва сокинони Афғонистон тавонистаанд бо вуҷуди як силсила мушкилот дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, рушди маориф ва дигар бахшҳои зиндагӣ, инчунин ба як идда пешрафтҳои назаррасе ноил шаванд. Ҳамзамон асоси зербиноҳои вайроншудаи Афғонистонро то ҳадди тавон бозсозӣ ва навсозӣ намоянд.

Бояд қайд кард, ки конфронси Бон, ки бо иштироки намояндагони гуруҳҳои мухталифи Афғонистон соли 2001 дар кишвари Олмон доир шуда буд Ҳомид Карзайро ба ҳайси Президенти Идораи муваққатии Афғонистон интихоб намуд. Ба ҳолати ҷангӣ, ки баъд аз табаддулоти 7-уми декабри соли 1978 дар кишвар ҳукмфармо буд, хотима бахшид. Бо рӯйи кор омадани низоми нав ва ҳамкориҳои махсуси СММ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса сурат гирифт ва умедвориҳо ба ояндаи таълиму тарбияи Афғонистон нисбат ба замони сиёҳи «Толибон» зиёдтар шуд [8, 22].

Дар рафти ин таҳаввулоти сиёсӣ, кӯмакҳои байналмилалӣ аз ҷониби созмонҳои ҷаҳонӣ, кишварҳои бузурги ҷаҳон ва ҳимояи СММ барои беҳбудии вазъи беҳдоштӣ, тавсеаи маориф, пуштибонӣ аз кӯдакону занон, инчунин пуштибонии байналмилалӣ аз гурезаҳо ва беҷошудагони афғон, беҳбудии шароити ҳуқуқи башар, чалби кӯмакҳои башардӯстона, ҳокимияти қонунӣ, ҳукуматдории хуб, ҳамкориҳои техникӣ дар ростоӣ истифодаи сулҳомез аз технология ва энергияи атомӣ ва ҳимоя аз муҳити зист, аз ҷумла барномаҳои ҷадиди СММ буд, ки ба ин васила дар заминаи ҳамкориҳои густурда, иқдомоти ҳимоятиро анҷом додааст [14, 46].

ЮНИСЕФ яке аз созмонҳои пешгоми СММ дар таъмини кумаки техникӣ, барои тамоми вазоратҳо бахусус Вазорати маориф нақши басо назарраси худро дошта, пайваста кишвари Афғонистонро пуштибонӣ мекунад ва иддао дорад, ки мо ҳама дар ин нақшаҳои самаранок саҳми бориз дошта ва барои рушди мардуми Афғонистон кӯшиш менамоем.

Омӯзиши муаллимон низ яке аз заминаҳои дигаре аст, ки бояд дар ин бахш таваҷҷуҳи зиёде ба харҷ дода шавад. Агар муаллимони хубу мутахассис интихоб ва омӯзиш дода шаванд, дар он сурат маорифи Афғонистон пешрафт гардида, барномаҳои асосии дарсӣ, низ дар шакли

[I] ISAF - International Security Assistance Force

дуруст татбиқ мешаванд [4].

Сандуқи СММ соли 2008 барои таълиму тарбияи кӯдакон ба маблағи 46 миллион доллар ба соҳаи маорифи Афғонистон кӯмак кард, ки санади ин кӯмак миёни ЮНИСЕФ ва Вазорати маорифи ҶИА ба имзо расидааст. Адил Хизр намояндаи ЮНЕСКО дар Афғонистон изҳор дошта буд, ки таваҷҷуҳи мо бештар ба кӯдаконе хоҳад буд, ки аз таҳсил дур мондаанд. Мо бояд роҳҳоеро ҷустуҷӯ намоем, ки кӯдакон дубора ба мактабҳои хеш боз гарданд. Ин дар ҳолест, ки борҳо мақомоти аршади Вазорати маориф ба истифодаи нодурусти маблағҳои ин вазорат муттаҳам шудаанд ва гузоришҳое аз мавҷудияти мактабҳо ва муаллимони хайёлӣ ба нашр расидаанд, ки ҳукумат ин гузоришҳоро ҷиддӣ нагирифтаст [10].

Баҳри барномарезии нав барои аз миён бардоштани мушкилот дар бораи татбиқи омӯзиш ва парвариш, ин бор СММ по дар миён карда аст [7]. Барои тақвияти таълиму тарбияи Афғонистон Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) рӯзи 18-уми майи соли 2013 дар шаҳри Кобул иброз доштааст, ки созмони мазкур Вазорати маорифи Афғонистонро аз лиҳози молӣ ҳимоят ва пуштибонӣ мекунад.

Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар як сафари расмӣ бо даъвати роҳбарияти Афғонистон вориди Кобул шуд ва дар як нишасти хабарии муштарак ҳамроҳ бо Форуқи Вардак-вазири маорифи Афғонистон гуфт, ки созмони ЮНЕСКО дар канори Афғонистон хоҳад монд ва кӯмакҳоро дар соҳаи маорифи Афғонистон боз ҳам бештар мерасонад.

Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар ҷараёни суханрониаш аз пешрафти назарраси соҳаи маорифи Афғонистон афзуд, ки таълиму тарбия дар ҳеҷ дине манъ нашудааст ва ин созмон аз духтароне, ки аз рафтан ба мактаб бо мушкилот мувоҷеҳанд пайваста ҳимоят ва пуштибонӣ мекунад [6].

Вазорати маориф дар тӯли солҳои 2001-2014 равобити худро бо муроҷиати кӯмаккунандагони хориҷӣ ба манзури гузор аз ҳолати хароб ва бади идора ва беҳбудии сатҳи барномаҳои судманд ва роҳҳои таъсиргузор барои сармоягузорӣ дар бахши маориф то ҳадди ҷаҳонӣ кушиш ба харҷ додааст. Стратегияи соҳаи маориф барои рушди миллии Афғонистон тарҳ ва тавсеаи қонуни нави таълиму тарбия мушаххас ва муайян мегардад, ки дар мутобиқат бо Қонуни асосии кишвар нақш ва салоҳияти мақоми вазорати маорифро таин намояд. Зарурияти он эҳсос мешавад, ки Вазорати маориф аз ҳамкорони муттаҳиди байналмилалӣ, бахусус СММ, ки барои рушди маорифи Афғонистон уҳдадор аст, бояд истифода намояд [1, 55].

Кӯмакҳои байналмилалӣ барои беҳбудӣ ва вазъи беҳдоштӣ ва тавсеаи маориф аз ҷониби СММ баъд аз конфронси Бон сурат гирифта аст, ки дар ҳақиқат аз таъсиргузории мусбӣ бархурдор мебошад. Вазири маорифи Афғонистон доктор Асадулло Ҳаниф Балхӣ илова намуд, ки рӯи идораи тавсеаи саноати СММ бо арзиши 400 ҳазор доллари амрикоӣ дар 5 мактаби вилоятҳое чун, Кобул, Нангарҳор ба хотири таълимоти умумӣ аз 7 то 19 синф ва таҳсилоти нимаи олиро за 12 то 13 синф ва 500 нафар шогирд барои 250 нафар муаллим бо мақсади қудрат бахшидани маҳорат ва усулҳои дарсӣ ба муддати 14 моҳ омӯзиш доданд. Ҳамчунин қобили қайд аст, ки бо дар назар надоштани ду созишнома бо Муассисаи саноатии инкишофӣ, ки арзиши он ба 120000 доллари амрикоӣ мерасад ёдовар шуд. Дар мактабҳо ва мадрасаҳои олии динӣ 7 ноҳияи вилояти Форёб фанни дарсӣ бо номи фанни сулҳ ва дар шаҳри Маймана ва 7 ноҳияи он заминаи бунёди 24 синфхонаи саводомӯзӣ ва 10 то маркази саводомӯзиро фароҳам сохт. Баъдан намояндагони муассисаҳои зикршуда ҳар кадом бо навбат суханронӣ намуда бо пуштибонӣ аз барномаҳои Вазорати маориф дар соҳаҳои мухталиф, хусусан дар бахши таълимоти техникӣ ва маслакӣ ваъдаи кӯмак ва ҳамкорӣ намуданд [14, 1].

Созмони пуштибонӣ аз кӯдакони Афғонистони марбути СММ (ЮНИСЕФ) баён намуд, ки боз ҳам ба кӯмакҳои худро барои кишвари ҷангзадаи Афғонистон идома мебахшад ва баъд аз ин бештарин барномаҳои ҳимоятӣ ва инкишофиашро дар манотиқи дурдасти Афғонистон татбиқ хоҳад намуд.

Гето Гупто, муовини Раиси умумии Идораи ҳимоят аз кӯдакони СММ дар нахустин сафараш ба кишвари Афғонистон аз вилояти Бомиён боздид намуд ва ба идораи умумии кӯмакҳои ин созмон дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, рушди деҳаҳо ва корёбӣ таъкид намуда, ҳамзамон ваъдаи кӯмак намуда буд. Чунончи хонум Гето Гупто иброз дошт, ки таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳо ва мубориза бо тангдастӣ ва бекорӣ метавонад тағйироти чашмгире дар вазъияти зиндагии сокинони Афғонистон эҷод кунад. Хонум Гупто дар идомаи суханони худ афзуд, ки кӯдакон ва занон дар Афғонистон ниёз ба кӯмаки доимӣ доранд, бояд онҳоро дастгирӣ намуд [2, 235].

Хулоса дар натиҷаи ҳамкориҳои СММ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз соли 2001 то соли 2014, тайи 13 сол иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсии зиёде анҷом додашуд. Тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ бо ҳадафи тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи

маориф ҷиҳати амалӣ намудани нақша-чорабиниҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пайванд бо Афғонистон, ки дар конфронсҳои байналмилалӣ қабул гардидаанд ба монанди “Конфронси Лондон” дар моҳи (январи соли 2010), “Конфронси Кобул”, (июни соли 2010) дар “Конфронси Токио” (июни соли 2012) дар ростои ободн намудани Афғонистони нав ва эҷоди амният, осоиш ва оромӣ, тақвияти ниҳодҳои демократӣ ва таъмини ҳокимияти миллӣ, нигаронида шуда аст. Бояд ёдовар шуд, ки ҷаласаи таърихии Бон, ки бо иштироки намояндагони гурӯҳҳои мухталифи Афғонистон баргузор гардида буд дар раванди рушд ва беҳбудии вазъи сиёсӣ, ба хусус соҳаи маорифи кишвари Афғонистон саҳми боризи худро гузоштааст. Шурӯъ аз ҷаласаи таърихии Бон як давраи на ҷандон муҳим барои Афғонистон маҳсуб мегардад, ки тайи ин давра сулҳи нисбӣ дар ин кишвар ҳукмфармо гардид ва мардуми ин кишвар бо вуҷуди як силсила мушкилот дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, рушди маориф ва дигар арсаҳои зиндагӣ пешрафтҳои ҷашмгиреро ба даст оварда ва асосҳои зербинои вайроншудаи Афғонистонро то ҳадди тавон бозсозӣ ва навсозӣ карданд.


**АДАБИЁТ**

1. Аббосӣ М. К. Таҳкими равобити Вазорати маорифи Афғонистон бо ниҳдоҳои байналмилалӣ // Маҷаллаи “Ирфон”. -Кобул, 2014. -88 с.
2. Аҳмадӣ Ҷ. Х. Нигоҳе ба таърихи муосири Афғонистон. -Кобул, 2016. -240 с.
3. Вазорати маориф. Барномаи кӯмакҳои 35 миллион доллараи се муассиса ба маорифи Афғонистон // Ҳафтаномаи “Маориф”. -Кобул, 2016. -№ 211, С. 4-10.
4. Гупол Ш. ЮНИСЕФ дар Афғонистон // Конфронси матбуотии дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Афғонистон (манбаи электронӣ). https://unama.unmissions.org/sites/default/files/old_dnn/UNAMA/ Press%20 Conferences/UNAMA%20PRESS (санаи истифодабарӣ: 07.08. 2019).
5. Ирфонӣ А.Ф. Афғонистон дар чор даҳаи ахир. -Кобул, 2008. -144 с.
6. Изҳороти Ируно Букво раиси умумии Созмони омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) дар мавриди кӯмакҳои молиявӣ барои маорифи Афғонистон дар нишасти хабарӣ дар Кобул (манбаи электронӣ) http://ara.tv/mh2tr (санаи истифодабарӣ: 15.09. 2019).
7. Изҳороти Ируно Букво раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар Афғонистон, дар конфаронси хабарӣ дар Кобул (манбаи электронӣ) https://tolonews.com/fa/afghanistan/ (санаи истифодабарӣ:12.08.2019).
8. Комгор М.Ҷ. Таърихи маорифи Афғонистон. -Кобул, 2012. -222 с.
9. Мисбоҳулло А. Афғонистон пас аз воқеаҳои 11-уми сентябр. -Кобул, 2005. -168 с.
10. Муҳаммад И.Ш. Вазорати маорифи Афғонистон // Конфронси матбуотии Вазорати маорифи Афғонистон (манбаи электронӣ) https://kokchapress.com/779349 (санаи истифодабарӣ: 21.11.2019).
11. Носирӣ И. Макси бар ҳодисаҳои Афғонистони навин. -Теҳрон, 2002. -195 с.
12. Расулӣ Н. Афғонистон ва кӯмакҳои ҷаҳонӣ. - Пешовар, 2014. -187 с.
13. Самадӣ А.Ф. Рӯйдодҳои панҷ даҳаи ахир дар Афғонистон. -Пешовар, 2004. -533 с.
14. Фозилёр Ф. Ҷомеаи ҷаҳон ва давлат-миллатсозӣ дар Афғонистон. -Кобул, 2014. -245 с.


## РОЛЬ ООН В РАЗВИТИИ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ АФГАНИСТАН НА 2001-2014 ГГ.


*Боннская конференция была одна из первых и новых инициатив и программ ООН, при сотрудничестве и поддержке США и соседнего с Афганистаном государств, в рамках «2 + 6» и с участием афганских групп и партий, состоявшаяся в сентябре 2001 года в Бонне Германии с целью восстановления мира, политического, экономического, социального развития и в частности развития образования в Афганистане. В течение 13 лет, с 2001 по 2013 год сотрудничества ООН с Правительством Афганистана по политическому, экономическому и образовательному развитию в Афганистане были очень успешными.*

*Статья посвящена политическим событиям в Афганистане, международной помощи со стороны международных организаций, крупных мировых держав и Организации Объединенных Наций для улучшения сферы образования, поддержки детей и женщин оставившие (бросившие) школу, а также международной поддержки афганских беженцев и перемещенных лиц, и в частности привлечение гуманитарной помощи для восстановления правопорядка.*



***Ключевые слова:*** *ООН, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Афганистан, образование, обучение, школа, воспитание, наука, культура, развитие образования.*


## THE ROLE OF THE UN IN THE DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SPHERE IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN FOR 2001-2014


*The Bonn Conference was one of the first and largest new UN initiatives and programs, held in September 2001 in Bonn, Germany, with the cooperation and support of the United States and neighboring Afghanistan in the framework of "2 + 6" and with the participation of Afghan groups and parties. Restoring peace and political, economic and social development, and in particular the*

*development of education in Afghanistan.*

*As a result of UN cooperation with the Government of Afghanistan, political, economic and educational development initiatives and activities in Afghanistan for 13 years from 2001 to 2013 have been very successful.*

*The article is devoted to the political events in Afghanistan, international assistance from international organizations, major world powers and the United Nations to improve education, support children and women who left school, as well as international support for Afghan refugees and displaced persons, and in particular attracting humanitarian aid for restoration of law and order.*

***Key words:*** *UN, UNESCO, UNICEF, Afghanistan, education, training, school, upbringing, science, culture, education development.*

## НАҚШИ СММ ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ДАР С ОЛҲОИ 2001-2014

Конфронси Бонн яке аз ташаббусҳо ва барномаҳои нави СММ бо ҳамкорӣ ва дастгирии Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои ҳамсояи Афғонистон дар чаҳорчӯби «2+6» ва бо иштироки гурӯҳу ҳизбҳои афғон буд. моҳи сентябри соли 2001 дар Бонн Олмон бо ҳадафи эҳёи сулҳ, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бахусус рушди маориф дар Афғонистон баргузор гардида буд. Дар тӯли 13 сол, аз соли 2001 то соли 2013 ҳамкории СММ бо ҳукумати Афғонистон дар заминаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва маориф дар Афғонистон хеле муваффақ буд.

Мақола ба рӯйдодҳои сиёсӣ дар Афғонистон, ба кумакҳои байналмилалии аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ва Созмони Милали Муттаҳид барои беҳбуди маориф, дастгирии кӯдакон ва занони тарки мактаб карда, инчунин дастгирии байналмилалӣ ба гурезаҳо ва оворагони афғон бахшида шудааст. аз ҷумла ҷалби кӯмаки башардӯстона барои барқарор кардани қонун ва тартибот.

**Калидвожаҳо:** СММ, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Афғонистон, маориф, омӯзиш, мактаб, тарбия, илм, фарҳанг, рушди маориф.

***Сведения об авторах:***

***Кудратов Комрон Абдунабиевич*** *— кандидат исторических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Электронная почта: komron.kudratov@gmail.com Тел .: (+992) 93528 28 62;*

***Кушо Фахим Мухаммадазам*** *- доктор Ph.D., второй курс Таджикского национального университета. Электронная почта: kosha.Fahim2019@gmail.com*

***About authors:***

***Kudratov Komron Abdunabievich*** *- Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: komron.kudratov@gmail.com Tel.: (+992) 93 528 28 62;*

***Kusho Fahim Muhammadazam*** *- Doctor Ph.D., second year of the Tajik National University. E-mail: kosha.Fahim2019@gmail.com*